***ТКБ 947 (575.3)***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-18-23***

***АЗ ТАЪРИХИ ПЕШРАФТИ СОҲАИ СОХТМОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ (солҳои 1925-1936)***

***Исмоилов Умедҷон Шаробидинович,*** *докторант (PhD)-и кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ИЗ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ СФЕРЫ СТРОИТЕЛЬСТВА В СЕВЕРНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ (1925-1936 гг.)***

***Исмоилов Умеджон Шаробидинович,*** *докторант(PhD) кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***FROM THE HISTORY OF DEVELOPMENT OF SPHERE OF CONSTRUCTION IN NORTHERN TAJIKISTAN (1925-1936)***

***Ismoilov Umedjon Sharobidinovich****, doctoral student(PhD) of the department of the distory of the Tajik nation under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E- mail:*** *umedjon.2020@list.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сохтмон, артел, сохтмончиён, қарор, корхона, коргарон, санадҳои ҳуқуқӣ, ҶШС Тоҷикистон*

*Мақола ба масъалаи пешрафти соҳаи сохтмон дар Тоҷикистони шимолӣ дар солҳои 1925-1936 бахшида шудааст. Қайд мешавад, ки дар давраи мазкур дар соҳаи сохтмон асосан артелҳои "Сохтмончиён" нақши марказиро иҷро мекарданд. Ин гуна артелҳо дар маркази ҳар як ноҳия амал менамуданд. Ҳамчунин пешрафти саноати коркарди масолеҳи сохтмонӣ ва зиёд шудани талабот ба биноҳои маъмурию истиқоматӣ боиси рушди соҳаи сохтмон гардид. Дар мақола сарраввал оид ба заминаҳои таърихию сиёсӣ ва ҳуқуқии ташкилёбии ташкилотҳои соҳаи сохтмон дар мамлакат маълумот дода шуда, дар он қарорҳои КМ ҲК ИҶШС ва ҶШ Тоҷикистон, низомномаҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқиву сиёсӣ тадқиқ шудаанд, ки бевосита барои ташкили артелҳои соҳаи сохтмон заминаи мусоид фароҳам оварда буданд.Ба таърихи омӯзишу таҳқиқи ташкилу фаъолият ва ташаккули артелҳои соҳаи сохтмон хоса артели "Сохтмончиён" – и шаҳри Хуҷанд диққати бештар равона шудааст. Дар асоси маълумоти мавҷуда ба паҳлӯҳои гуногуни масъала рӯшанӣ андохта шудааст.*

***Ключевые слова:*** *строительство, артель, строители, решение, предприятие, работники, правоустанавливающие документы, АО «Таджикистан»*

*Статья посвящена развитию строительной отрасли Северного Таджикистана в 1925-1936 гг. Отмечается, что в этот период основную роль в сфере строительства играли артели «Строителей», которые действовали в центре каждого района. Прогресс индустрии обработки строительных материалов и увеличение спроса на административные и жилые здания привели к развитию строительной отрасли. В статье впервые представлена информация об исторических, политических и правовых основах организации строительной отрасли в стране. Автор приводит постановления ЦК РТ и РТ, постановления и другие нормативно-правовые документы, которые непосредственно представляли собой благоприятную основу для создания артелей в строительной отрасли. Также представлена подробная информация об организации, деятельности и формировании артелей в сфере строительства, в частности артели «Строители» города Худжанда. На основе имеющихся данных уточнены различные аспекты проблемы. В заключение на основе представленного материала делается краткий вывод.*

***Key words:*** *construction, artel, builders, decision, enterprise, employees, title documents, SC "Tajikistan"*

*The article dwells on the development of the construction industry in Northern Tajikistan in 1925-1936. It is noted that during the relevant period the main role in the construction industry was played by the artels of "Builders". Such artels operated in the center of each district. In this regard, the progress of the building materials processing industry and increase in demand for office and residential buildings has led to the development of of construction industry. The article provides information beset with the historical, political and legal foundations of the organization of construction industry organizations in the country, for the first time. The author cites the resolutions of the Central Committee of TR and the Republic of Tajikistan resolutions and other legal documents that directly constituted a favorable basis for the creation of artels in the construction industry. Detailed information is also provided on the organization, activities and formation of artels in the field of construction, in particular the artel "Builders" of the city of Khujand. Based on the available data, various aspects of the problem have been clarified. In conclusion, a brief conclusion is made on the basis of the presented material.*

Ташаккули соҳаҳои дигари саноат ба инкишофи сохтмон дар мамлакат шароити мусоид фароҳам овард. Бо баробари ба истифода дода шудани корхонаҳои истеҳсоли семент, чубу тахта ва шефир дар мамалакат сохтмон низ тараққӣ кард. Тараққиёти соҳаи сохтмон дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои сиюм хуб ба назар мерасид. Лекин муттаҳид намудани коргарон ҳанӯз аз солҳои 20 – ум оғоз ёфт.

Бояд гуфт, ки дар давраи омӯхташаванда барои сохтмони сотсиализм пешрафти соҳаи сохтмон мақоми хосаеро ишғол мекард. Барои тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ биноҳои маъмурию таълимӣ ва истиқоматӣ намерасиданд. Бинобар ин ҳукумати Шӯравӣ инкишофи соҳаи сохтмонро зарурӣ донист. Дар ин раванд ташкили артелҳои соҳаи сохтмон ин қадами аввалин буд.

Оид ба масъалаи матраҳшаванда ягон китоби алоҳида ва ё кори мукаммали тадқиқотӣ то ҳол нашр нашудааст. Фақат дар баъзе аз адабиёти алоҳида қисматҳои гуногуни масъаларо дар шакли пароканда вохӯрдан мумкин аст. Китоби «История рабочего класса Таджикистана (1917 - 1970 гг.)»[14,с. 9] (Таърихи синфи коргари Тоҷикистон (1917 – 1970)), ки он дар ду ҷилд рӯи чоп омадааст, дар таърихнигории синфи коргари тоҷик ҷойгоҳи хосаро ишғол менамояд[1,с.154]. Ин кори дастаҷамъона аз ҷониби кормандони Институти таърих, аррхеология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сектори таърихи ҷомеаи шӯравӣ навишта шудааст. Дар тайёр кардан ва навиштани китоби «История рабочего класса Таджикистана (1917 - 1970 гг.)» ҳамчунин олимони донишгоҳҳои кишвар низ иштирок намуда буданд. Дар шакли муккамалтар дар кори дар боло зикршуда оид ба заминаҳои ташаккули синфи коргари тоҷик, тайёр кардани мутахассисон, ташкилёбии ташкилотҳои саноатӣ, иштироки коргарон дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии кишвар маълумотҳо оварда шудаанд[1,с.154].

Дар асоси маълумоти бойгонӣ, адабиёти мавҷуда ва маводи матбуоти даврӣ ҷилди якуми китоби «История рабочего класса Таджикистана (1917-1945гг.)»[14], таълиф гардид, ки дар он шаклгирии синфи коргари тоҷик дар асоси ташкилёбии созмонҳои дастаҷамъонаи саноатӣ инъикос ёфтааст. Дар ин ҷо масъалаҳои тайёр кардани кадрҳо дар шароити вазнини солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1918 – 1923) ва солҳои тақсимоти миллию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна (1920 – 1929) нишон дода шудааст[1,с.154].

Аз дидгоҳи муаррихон давраи омӯхташаванда бо тарзҳои гуногун маънидод шудааст. Н.Валентинов менависад: "Идеологияи нимаи дуюми солҳои 20 – ум дар ИҶШС ин ташкил ё худ сохтмони ҷаннат (ҷаннат дар рӯи Замин) буд, ки аз лиҳози зоҳирӣ ба ҳақиқат наздик аст. Аммо агар мо ба вазъи иқтисодӣ назар андозем комилан чизи дигарро мебинем..."[4,с.20] Ба ақидаи Валентинов зиёданависӣ сабаби асосии ақибмонии саноат ва хоҷагии қишлоқ гардида буд. Гуфтан бамаврид аст, ки масоили иқтисодии ин давра миёни олимон баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст.

Барои боз ҳам тараққӣ додани саноат, тадбирҳои Ҳизби коммунистӣ ва ҳукумати шӯравӣ оид ба боз ҳам такмилдиҳии ташкили идоракунии саноат ва сохтмон аҳамияти бағоят калон доштанд[13,с.19]. Дар оғози солҳои бистум барои пешбурди саноати сохтмон дар ИҶШС монеаҳои зиёди иқтисодиву сиёсӣ вуҷуд доштанд. Дар ин бобат В.И. Ленин чунин ибрози андеша намуда буд: "Дар назди мо айниҳол вазифаи беҳтар кардани вазъияиятии иқтисодии шаҳрвандон меистад, ки инро Сиёсати нави иқтисодӣ мехоҳад ва ин тақозои онро дорад, ки қонунҳои инқилобӣ қабул шаванд..."[17,с.592]

Аввалин маротиба барномаи СНИ аз ҷониби В.И. Ленин дар моҳи феврали соли 1922 ироа гардида буд. Ин мурочиати В.И. Ленин боиси он гардид, ки масоили мазкур ҷиддитар пайгирӣ ёбад[20,с.3].

Дар соли 1923 КМ ҲК Тоҷикистон қарорро "Оид ба тезонидани муттаҳид намудани коргарони касбу кори гуногун" баровард. Дар қарори мазкур масъалаи ба артелҳои соҳаи сохтмон ҷалб намудани мардикорон ва бекорон низ қайд шуда буд.

Санаи 11 майи соли 1927 қарори КМ ҲК (б) ИҶШС оид ба "Артелҳои саноатӣ" баромад. Дар ин қарор оид ба ҷоннок намудани корҳо дар самти муттаҳид намудани ҳунармандон дастурҳои муфид дода шуда буд[15].

Қарори дигари КМ ҲК (б) ИҶШС аз 3 сентябри соли 1928 "Дар бораи андешидани чораҳо оид ба корҳои дастаҷамъӣ ва созмонҳои дастаҷамъӣ" баромад. Дар ин қарор вазифагузорӣ карда шуда буд, ки корҳои дастаҷамъӣ ҷоннок карда шуда тамоми ҳунармандони мамлакат ба артелҳо муттаҳид карда шаванд[21].

Мувофиқи “Декрет дар бораи созмонҳои саноатӣ” муттаҳидкунии саноати мамлакат бояд то санаи 1 майи соли 1925 пурра ба итмом мерасид. Лекин дар шароити Тоҷикистони шимолӣ иҷрои саривақтии он ғайриимкон буд. Бинобар ин, ин раванд то соли 1935 давом кард. Дар минтақаҳои ҷануби мамлакат бошад ин раванд баъди ҶБВ (1941-1945) низ идома дошт.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ин давра давлат на танҳо ба барқарор кардани созмонҳои саноатии мавҷуда балки ба сохтани ташкилотҳои саноатии типи нав низ шурӯъ намуда буд. Оғози онро мо аз “ Декрет дар бораи артелҳои меҳнатӣ” аз санаи 15 декабри соли 1924 диданамон мумкин аст[3,с.99].

Инкишофи иттиҳодияҳои истеҳсолӣ ва саноати дастии ҳунармандӣ боиси он гардид, ки низоми ягонаи саноатӣ ба вуҷуд оварда шавад. Оид ба ин масъала дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ-низомномаҳо ва декрету қарорҳои ҳукумати шӯравӣ муфассал оварда шудааст. Дар ин ҳуҷҷатҳо чандкарата вазифагузорӣ карда шудааст, ки кооперативҳои ҳунармандӣ ташкил карда шаванд[3,с.105].

Санаи 24 июли соли 1923 қарори КМ ҲК ИҶШС “Оид ба тартиби муттаҳид намудан ва пароканда кардани иттиҳодияҳои саноатӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ” баромад[3,с.122]. Мувофиқи қарори мазкур вазифагузорӣ карда шуда буд, ки ҳарчи зудтар иттиҳодияҳои саноатӣ дар тамоми соҳаҳо ташкил карда шаванд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ тадбиқи ин қарор аз соли 1928 оғоз ёфта, то оғози солҳои 40 – ум давом кардааст. Ҳуҷҷатҳои дар боло овардашуда дар асоси “Сиёсати нави иқтисодӣ” қабул ва дар амал тадбиқ карда шуда буданд.

Артели “Сохтмончиён” дар шаҳри Хуҷанд соли 1925 ба фаъолият оғоз намуд. Дар аввали дар артел ҳамагӣ 15 нафар муттаҳид карда шуда буданд. Шумораи аъзои артел рӯз аз рӯз зиёд шуда, соли 1928 ба 135 нафар расид.

Санаи 1 августи соли 1927 артели “Сохтмончиён” аз ҷониби А.Рустамов, Э. Абдуқодиров, Р.Шарипова ва М.Аъзамова тафтиш карда шуд[5]. Дар натиҷаи тафтишот муайян гардид, ки хароҷоти артел аз даромадаш зиёд аст.

Соли 1928 артел 135 нафар бинокорро муттаҳид менамуд. Соли 1929 бошад шумораи онҳо ба 160 нафар расид. Ин ҳолат имкон дод, ки артел фармоишоти ҳукумат ва мизоҷонро саривақт бо сифати баланд ба иҷро расонад.

Артели “Рангпошандагон” соли 1926 ташкил ёфтааст. Дар аввал аъзои артел 4 нафар буд, дар соли 1927 ин шумора ба 24 нафар расид. Аз сабаби набудани талабот ва ташкил ёфтани артели “Сохтмончиён” дар оғози соли 1928 шумораи аъзои артел ба маротиб кам шуд. Моҳи октябри соли 1928 аъзои артел ҳамагӣ 6 нафарро ташкил медоданд. Моҳи сентябри соли 1929 аз сабаби набудани талабот ва гузаштани аъзои артел ба артели “Сохтмончиён” фаъолияти артели “Рангпошандагон” қатъ гардид[6].

Дар ин давра ҳамчунин аъзои артелҳои “Боркашон”, “Кӯбандаҳо”, “Оҳангарон” ва “Ангиштканон” ба артелҳои соҳаи сохтмон пайвастанд. Ин пеш аз ҳама ба сиёсати Ҳукумати Коммунистии ИҶШС вобастагии калон дошт.

Соли 1929 артели “Сохтмончиён” ба иҷрои нақшаи семоҳаи сеюм оғоз намуд. Маҳсулоти дуредгарӣ аз артели “Дуредгарон” ба маблағи 10159 рубл ворид карда шуда буд. Корҳои сохтмонӣ идома меёфтанд. Талабот ба биноҳои нав дар мамлакат меафзуд. Дар давраи семоҳаи чорум маоши кормандони артел ба 341 рубл баробар гардид. Артели “Сохтмончиён” дар ин давра 160 нафар бинокор муттаҳид менамуд[7].

Дар солҳои панҷсолаи якум саноати Тоҷикистон ҳамаҷониба тараққӣ кард. Фақат ба сохтмони корхонаҳои саноатӣ 82 млн рубл ҷудо карда шуда буд[4, 20]. Бояд гуфт, ки дар сохтмони бинои корхонаҳо артелҳои муташаккили соҳаи сохтмон саҳми калон доштанд. Ташкилотҳои Шӯравӣ инчунин ба сохтмони табобатхонаҳову мактабҳои нав ва аввалин муассисаҳои маданиву маърифатӣ шурӯъ намуданд[23,с.4]. Бояд ёдовар шуд, ки ба чунин сохтмонҳо ё артелҳои соҳаи сохтмон ва ё коргарони мардикор аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ ҷалб мешуданд.

Халқи тоҷик дар нимаи дуюми солҳои бистум шарафмандона меҳнат карда, саҳми арзандаи худро дар барқароркунии хоҷагии халқ гузошт. Бо ёрии ҷумҳуриҳои бародарӣ дар солҳои 1926-1929 Тоҷикистон тавонист баъзе соҳаҳои саноатро пеш бурда, хоҷагии кишоварзиро ба роҳи коллективонӣ нигаронад ва дар инқилоби фарҳангӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст орад[19,с.70].

Дар деҳот шакли маъмули сохтмон ин “ҳашар” ба ҳисоб мерафт. Дар ҳашар тамоми қишрҳои ҷомеа иштирок мекарданд. Бо ҳамин тарз дар деҳоти Тоҷикистон мактаб, клуб, мағоза

сохта мешуданд. Дар раванди гузаронидани “ҳашар” бинокоронӣ касбӣ ба воя мерасиданд. Аз дигар ҷиҳат “ҳашар” аҳли заҳматро муттаҳид намуда барои дастаҷамъона кор кардан шароит фароҳам овард.

Солҳои 1926-1927 дар натиҷаи баруйхатгирии муассисаҳои ҳунармандӣ маълум гардид, ки 1200 корхона 19 ҳазор корманд дошта, маҳсулоти истеҳсолкардаашон 4 миллион сумро ташкил медиҳад. Дар чор вилояти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон -Душанбе, Ғарм, Кулоб ва Сариосиё 3335 артелҳои ҳунармандӣ маҳсулот истеҳсол мекарданд[19, 71]. Аз ин миқдор артелҳо зиёда аз 300 ададашонро артелҳои соҳаи сохтмон ташкил медоданд.

Сиёсати молиявии Ҳукумати Шӯравӣ боис гардид, ки артелҳои соҳаи сохтмон низ рушду тараққӣ намоянд. Давлат барои кооперативҳои истеҳсолӣ якчанд сабукиҳо пешниҳод карда буд. Аз соли 1930 сар карда дар асоси нақшаи давлатӣ хароҷоти артелҳо ва дигар намудҳои созмонҳои кооперативӣ аз ҳисоби буҷаи давлат таъмин карда мешуд[24,с.269].

Соли 1930 артел 167 нафар бинокорро муттаҳид карда буд. Маблағи duҳафтинаи даромади артел 6680 рублро ташкил медод. Дар ин сол артел дар ҳаҷми 4000 рубл заёми давлатӣ гирифта буд. Аз ин миқдор маблағи ба дастомада 2700 рубли он байни 78 нафар коргар тақсим карда дода шуда буд[8].

Артели “Сохтмончиён” аз соли 1930 сар карда аъзои “Иттиҳоди саноатии байниноҳиявии Хуҷанд ба ҳисоб мерафт. Санаи 17 ноябри соли 1932 аз артели “Сохтмончиён” Б.Юсупов ҳамчун иштирокчӣ дар съезди ҷумҳуриявии аҳли саноати мамлакат интихоб гардида дар он моҳи декабр ишитрок кард [9].

Ғайр аз ин дар соли 1928 дар ноҳияҳои Ашту Конибодом, дар соли 1929 дар ноҳияҳои Исфара, Панҷакент ва Фон артелҳои соҳаи сохтмон ташкил карда шуданд. Дар деҳот низ оҳиста-оҳиста раванди бинокорӣ вусъати тоза пайдо намуд. Мардуми деҳот бо масолеҳи нави сохтмонӣ кор карданро омӯхт. Дар ин давра аз ҷумҳуриҳои бародарӣ хоса аз Русия бинокорони касбӣ фиристонида шуда буданд. Ин ба ташаккули бинокорони тоҷик таъсири мусбат расонд. Дар натиҷаи ин раванд ба санъати бинокории тоҷик нишонаҳои сохтмони Аврупоӣ ворид гардид.

Қарори КМ ҲК (б) ИҶШС аз 23 июли соли 1932 оид ба “Артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ” нақши ҳалкунандаро дар ташаккули артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ бозид. Дар қарор принсипҳои асосии саноатикунонӣ ба назар гирифта шуда буд[16].

Аз артели “Сохтмончиён дар соли 1932 Саид Қурбон, Исмат Набиев, Қосим Бобоев, Алибой Ашуров, Кузин Иван, Абдурасул Анисов, Усмон Мадаминов, Эргаш Қосимов ва Усто Усмон ба рӯйхати меҳнатакшони зарбдор дохил шуда буданд[10]. Ин барои артел муваффақияти калон буд.

21 августи соли 1934 аз ҷониби Иттиҳодия ба артели “Сохтмончиён” дар ҳаҷми 3000 рубл маблағи қарз (кредит) ҷудо гардида буд[11].

Артели “Сохтмончиён дар оғози солҳои 30 – юм ба як қатор муваффақият ноил гашт. Мувофиқи ҳисоботи моҳи декабри соли 1934 нуқтаҳои зарурии зерин қайд гардида буд:

1. Аъзои артел 84 нафарро ташкил медиҳанд.
2. Фонди маоши коргарон 7159 рублро ташкил менамояд.
3. Миқдори гирандагони иловапулӣ 60 нафар мебошад.
4. Ҳаҷми умумии иловапулӣ ва кӯмаки давлатӣ 7100 рублро ташкил медиҳад.
5. Ҳаҷми маблағи дохилгардида аз рӯи рӯйхат 5736 рубл аст[12].

Артели “Сохтмончиён”-и шаҳри Хуҷанд бо артелҳои “Оҳангарон” ва “Коркарди чубу тахта” шартномаҳои меҳнатӣ ва хизматрасонӣ дошт.Ин аз он далолат медиҳад, ки артели “Сохтмончиён” бо дигар артелҳо равобити созгори иқтисодӣ доштааст. Бидуни ин аз артелҳои соҳаи сохтмон кормандони артелҳои “Боркашон”-ро кироя мекарданд. Дар ин давра шумораи зиёди мардикорон ба артелҳои соҳаи сохтмон пайвастанд. Дар натиҷаи ташкили артелҳои соҳаи сохтмон сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ то 50% коҳиш ёфт. Ин нишондиҳанда танҳо дар давоми солҳои 1925-1935 ба даст оварда шуд.

Дар солҳои сиюм дар соҳаи сохтмон низ мусобиқаҳои меҳнатӣ ташкил карда шуда буд. В.И. Ленин дар ин бобат чунин қайд кардааст: “Ба мо фақат ҳамин мемонад, ки мусобиқаро ташкил кунем... чунон имкониятеро фароҳам оварем, ки таҷрибаи ҳосилшударо... амалан такрор намоянд – имкониятеро таъмин кунем, ки ҳаммаи қувваҳои техникӣ ва инсоние, ки дар соҳаҳои дахлдори хоҷагии халқ ва ё идоракунии давлатӣ, ҷиҳайҳои хеле хуби корро нишон додаад, таҷрибаҳояшон мубодила карда шаванд” [18,с.218].

Дар соли 1936 дар маркази шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистони шимолӣ артелҳои доимамалкунандаи бинокорон фаъолият мебурданд, ки дар сохтани инфрасохтори замонавӣ саҳми калон гузоштанд. Барои беҳтар кардани дараҷаи тахассусии коргарон курсҳои кутоҳмуддат кушода мешуданд, ки дар онҳо коргарон малака ва маҳорати худро сайқал дода донишҳои навро аз худ мекарданд[2].

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки бинокорон дар сохтмони роҳҳо ва каналҳо низ саҳми калон доштанд. Дар ин давра сохтмони роҳҳо дар маркази диққати Ҳизби Коммунистӣ ва ҳукумати шӯравӣ қарор дошт. Солҳои 1925-1926 аз Душанбе то Сариосиё ҳаракати доимии нақлиёт оғоз ёфт. Роҳҳои Душанбе-Ғузор, Душанбе – Қӯрғонтеппа – Ҷиллликӯл беҳтар карда шуданд. Дар давоми ду сол 516 км роҳи мошингард, 310 км роҳи обӣ, ва 730 км роҳи ҳавоӣ ба истифода дода шуд[22,с.156].

Дар охири солҳои сиюм дар мамлакат раванди сохтмони сотсиализм ба авҷи худ расид. Ин ҳолат ба артели "Сохтмончиён" низ таъсир расонд. Дар ин давра дар ҳар як ноҳия иттифоқи бинокорон амал мекард. Соли 1936 ин иттиҳодияҳо муттаҳид карда шуданд. Акнун ба ҷои артелҳо ширкатҳои сохтмонии давлатӣ ташкил ёфтанд, ки дар онҳо собиқ аъзои артелҳои соҳаи сохтмон кор мекарданд.

Ҳамин тавр, дар охир қайд кардан бамаврид аст, ки соҳаи сохтмон дар Тоҷикистони шимолӣ дар асоси қарору ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки дар асоси СНИ қабул шуда буданд инкишоф ёфт. Бояд тазаккур дод, ки саҳми беандозаро дар ташаккули соҳаи сохтмон артелҳои соҳаи сохтмон гузошта буданд. Дар артелҳо асосан мардикорон ва шахсони бекор шомил шуда соҳиби касби муайян мешуданд ва дар раванди фаъолияти корӣ ба коргарони касбӣ табдил меёфтанд. Рушди соҳаи сохтмони барои ташакуули синфи коргари тоҷик мусоидат намуд. Баъдтар барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи сохтмон омӯзишгоҳҳои махсус кушода шуда буданд. Раванди ташаккули сохтмон дар мамлакат ба тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсири худро расонд ва боиси пешравӣ гардид.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Бабаджанова, М. М. К истории формирования и развития рабочего класса Таджикистана в период 1929-1932гг. (историографический обзор /М.М.Бабаджанова//Вестник РТСУ.-2014.- № 3 (46). - С.152-156.
2. Бо роҳи ленинӣ.- №257.- 1936.-29 декабр.
3. Бурданов, В.В. Правовое регулирование кооперации в период новой экономической политики 1921– 1928/В.В.Бурданов// Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук.-Москва – 2017.-167 с.
4. Валентинов, Н. (Н. Вольский), Новая экономическая политика и кризис партии после смерти Ленина:Годы работы в ВСНК во время НЭП.Воспоминания/Н.Валентинов.-Москва 1991.- 367 с.
5. ГАСО. Фонд №172. Опись №1. Дело №29., л. 84.
6. ГАСО. Фонд №172. Опись №1. Дело №56., л. 1.
7. ГАСО. Фонд №172. Опись №1. Дело №56., л. 3.
8. ГАСО. Фонд №172. Опись №1. Дело №12., л. 1.
9. ГАСО. Фонд №172. Опись №3. Дело №16., л. 28.
10. ГАСО. Фонд №172. Опись №3. Дело №38., л. 2-3.
11. ГАСО. Фонд №172. Опись №3. Дело №62., л. 1.
12. ГАСО. Фонд №172. Опись №3. Дело №37., л. 73.
13. Исмоилов, У.Тантанаи плани ленинии интустиякунонӣ дар РСС Тоҷикистон/У.Исмоилов.- Ленинобод – 1963.- 31 с.
14. История рабочего класса Таджикистана (1917 - 1970 гг.). Т.1 (1917 - 1945 гг.). - Душанбе: Дониш, 1972. – 128 с.
15. Қарори КМҲК ИҶШС аз 11 майи соли 1927 оид ба "Артелҳои саноатӣ"
16. Қарори КМҲК ИҶШС аз 23 июли соли 1932 оид ба "Артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ"
17. Ленин, В. И. и ВЧК. Сборник документов (1917–1922) 6lib.ru - Электронная Библиотека http://www.6lib.ru/books/v_-i_-lenin-i-vhk_-sbornik-dokumentov-_1917_1922_-222326.html 740 с.
18. Ленин, В.И.Асарҳо/В.И.Ленин.- Душанбе 1959, ҷилди 27.
19. Набиева, Р.А.Таърихи халки точик.Нашри дуюм /Р.А.Набиева,Ф.Б.Зикриёев, М.Ф.Зикриёева.-Душанбе: Собириён, 2010.- 328 с.
20. Поляков, Ю. А.Новая экономическая политика: Разработка и осуществление/ Ю. А. Поляков,В.П.Дмитренко, Н. В. Щербань.— Москва: Политиздат, 1982.-240 с.

21.Постановление ЦК. ВКБ (б) от 3.09.1928 года. «О мерах по усилению кооперирования кустарей в массовой работе кустарпромкооперации»
22.Рахимбаев, А.Таджикистан. Социально-экономический очерк/ А.Рахимбаев.- М., 1936.- 256 с.
23.Третьяков,Б.С. Тараққиёти саноат дар Тоҷикистон дар давоми солҳои ҳокимияти Советӣ ва переспективаи тараққиёти минбаъдаи он/ Б.С.Третьяков.-Сталинобод – 1957. -20 с.
24.Черемисинов, Г.А. Государственное предпринимательство в отечественной экономике: узоры новой экономической политики (20-е годы – начало 30-х годов XX века)/Г.А.Черемисинов.-Саратов, 2002.-323 с.

**REFERENCES:**

1. Babajanova, M.M. On the history of formation and development of working class of Tajikistan referring to the period 1929-1932 (historiographic review / M.M. Babajanova // Bulletin of RTSU.- 2014.- № 3 (46). - P.152-156.
2. “With Lenin way” .- No. 257 of December 29, 1936.
3. Burdanov, V.V. Legal regulation of cooperation during the period of the new economic policy 1921 - 1928 / V.V. Burdanov // candidate dissertation in jurisprudence. - Moscow - 2017. - 167 p.
4. Valentinov, N. (N. Volsky), New economic policy and crisis of the party after Lenin`s death: Years of work in the VSNK during the NEP. Memories / N.Valentinov. - Moscow 1991. - 367 p.
5. SASR. F.№172. Inv.№. 1. C.№. 29., l. 84.
6. SASR. F.№172. Inv.№. 1. C.№. 56., l. 1.
7. SASR. F. №172. Inv.№. 1. C.№. 56., l. 3.
8. SASR. F.№172. Inv.№. 1. C.№. 12., l. 1.
9. SASR. F.№172. Inv.№. 3. C.№. 16., l. 28.
10. SASR. F.№172. Inv.№. 3. C.№. 38., l. 2-3.
11. SASR. F.№172. Inv.№. 3. C.№. 62., l. 1.
12. SASR. F.№172. Inv.№. 3. C.№. 37., l. 73.
13.Ismoilov, U. Celebration of Lenin's industrialization plan in the Tajik SSR / U. Ismoilov. – Leninobod, - 1963. - 31 p.
14.The History of working class of Tajikistan (1917 - 1970). V.1 (1917 - 1945). - Dushanbe: Knowledge, 1972. - 128 p.
15.The decision of the Central Committee of the USSR of May 11, 1927 on “Industrial cartels”.
16.The decision of the Central Committee of the USSR of July 23, 1932 on “Industrial and consumer cartels”.
17.Lenin, V. I. And All-Russian Extraordinary Commission. Collection of documents (1917–1922) 6lib.ru - Electronic Library //www.6lib.ru/books/v_-i_-lenin-i-vhk_-sbornik-dokumentov-_1917_1922_-222326.html -740 p.
18.Lenin, V. I. Works. - Dushanbe 1959,V.27.
19.Nabieva, R.A. The History of Tajik nation. The second edition / R.A. Nabieva, F.B. Zikriyoev, M.F. Zikriyoeva. - Dushanbe: Sabiriyan, 2010.- 328 p.
20. Polyakov, Yu. A. New economic policy: Development and implementation / Yu. A. Polyakov, V. P. Dmitrenko, N. V. Shcherban. Moscow: Politizdat, 1982. - 240 p.
21.Decree of the Central Committee of the All-Union Communist Party (Bolsheviks of September 3, 1928. “On measures to strengthen the cooperation of handicraftsmen on the mass work of the handicraft industry cooperation"
22.Rakhimbaev, A. Tajikistan. Socio-economic essay / A. Rakhimbaev.- M., 1936. - 256 p.
23.Tretyakov, B.S. The development of industry in Tajikistan during the years of Soviet rule and the perspective of its further development / B.S. Tretyakov. - Stalinobod - 1957. - 20 p.
24.Cheremisinov, G.A. State entrepreneurship in the domestic economy: patterns of the new economic policy (20s - early 30s of the twentieth century) / G.A. Cheremisinov. - Saratov, 2002.- 323 p.